# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳаигиии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги дахлдор номумкин аст. Аз ин сабаб, раванди таълимро тавре бояд ба роҳ монд, ки забони хориҷӣ ҳамчун ифодакунандаи унсурҳои фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи баргузидаи салоҳият - салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун омили муошират комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад. Ҳамгироии босуръати иқтисодии мамлакатҳо дар кулли ҷаҳон ҳолати гуногунбаёнии забонӣ ва фарҳангиро дар ҳама сатҳҳои шарикии корӣ ба амал овард ва ба зарурати ташаккули асоси умумии фарҳанги корӣ, ки аз маҷмӯи арзишҳои бунёдии ахлоқӣ иборат мебошад, оварда расонид. Мутаассифона, аҳамияти омодагии иҷтимоӣ-фарҳангиро миқдори ками донишҷӯён дарк менамоянд ва донистани забони хориҷиро ҳамчун воситаи муошират барои фаъолияти байналмилалӣ кофӣ мешуморанду халос. Ба ҳамин муносибат зимни таҳқиқот қорор гирифтани мавзӯи таҳқиқотии Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон” айни мудаъо мебошад.

Бояд қайд кард, ки диссертант оид ба мавзӯи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос муҳтаво, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, нукоти илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисоларо тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддима талаботи мавҷуда нисбат ба банду басти дастгоҳи илмии рисолаҳои илмӣ риоя карда шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст,

ки мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

Дар рисолаи таҳқиқотӣ маводи фаровон аз таҷрибаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ оид ба таҷрибаи ташкилу ба роҳ мондани ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таҳсилот таҳлил, арзёбӣ ва пешниҳод карда шудааст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррони ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқот камбудиҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ҷойдоштаро оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ муайян намуда, дар ин замина тавсия ва пешниҳодоти самараноки илмиро манзур намудааст.

Аҳамияти илмиву амалиявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар асоси талабот ба мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ҷиҳати самарабахшии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими муошира ти ғайрзабонӣ коркард шудааст. Барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии коркарднамудаи муаллиф барои ташаккулдиҳии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки аз вазифаҳои ҳар давраи таълим ва қисматҳои мавзӯӣ тибқи ҳар давра таркиб ёфтааст, ба мураттабгардонии дониш, маҳорат ва малакаҳои забонии муҳассилин ва салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо нигаронида шудааст.

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар матни автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва ғалатҳои хусусияти техникию орфографидошта мавҷуд мебошад. Вале камбудиҳои ҷойдошта ҳеҷ гоҳ

аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи таҳқиқотироо паст карда наметавонанд.

Қобили зикр аст, ки ҷараёни ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба замони имрӯза бо диди нав ҳаллу фасл гардидааст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи забони
русии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Наврузова Гулшан Турсуновна

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
Тел./Факс: (992 37) 231 02 01
Тел.: (992) 231 08 37, моб. 935551304
www.feil.tj

Имзои Наврузова Г.Т.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон — Раҷабов Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ